«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________Абдуалимзода Ҳ.А.
«06» ___марти___ 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - созишномаи арбитражӣ бо баррасии масъалаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне созишномаи арбитражӣ бахшида шудааст.

Дар айни замон, дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аксарияти баҳсҳои хусусияти иқтисодидоштаи брунмарзиро тарафҳо ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ пешниҳод мекунанд. Асоси салоҳияти он созишномаи арбитражӣ мебошад, ки дар шакли тавзеҳоти арбитражӣ дар шартномаи иқтисодии хориҷӣ ё ҳуҷҷати алоҳида баста шудааст. Ҳангоми ҳалли баҳс одатан арбитрҳо бо саволи қонуне, ки ба шартнома ё муносибати байни тарафҳо татбиқ мешаванд, дучор мешаванд. Принсипи аз ҷониби умум эътирофшудаи мустақилияти иродаи тарафҳо ба тарафҳои шартнома имкон медиҳад, ки бо мувофиқаи тарафайн тартиби ҳуқуқиеро, ки созишномаи онҳоро танзим мекунад, интихоб намоянд. Азбаски қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла, эътибори шартнома, шакл, ҳуқуқ ва

ӯҳдадориҳои тарафҳоро муайян мекунад, тавсия дода мешавад, ки то ба миён омадани баҳс дар бораи он мувофиқа намоянд. Бо дарназардошти таносуби байни мурофиаи арбитражӣ ва қонунгузории амалкунанда, дар амалияи бастани шартномаҳои иқтисодии хориҷӣ дар матни тавзеҳоти арбитражӣ ишораи қонуни татбиқшаванда маъмул аст. Паҳншавии ин таҷриба тавассути тавсияҳои муассисаҳои арбитражӣ, даъвати тарафҳо барои дар тавзеҳоти арбитражӣ муқаррар кардани қонуне, ки шартномаро танзим мекунад, ба таври васеъ мусоидат кард. Дар илми ҳуқуқ як қатор олимон ба нуқтаи назари ҳуқуқи татбиқшаванда ҳамчун шарти шартномаи ҳакамӣ эътиқод доранд. Вобаста ба ин, зарурати таҳқиқоти иловагии муносибати байни шартномаи арбитражӣ ва қонуни амалкунанда ба миён меояд.

Андешаҳои дар илми ҳуқуқ мавҷудбударо дар бораи муносибати байни созишномаи арбитражӣ ва созишномаи интихоби ҳуқуқ ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Тибқи назари аввал, маъмултарин, қонуни татбиқшаванда шарти иловагии созишномаи арбитражӣ мебошад. Мутобиқи равиши дуюм он шарти муҳими созишномаи арбитражӣ ҳисобида мешавад. Тарафдорони ақидаи сеюм интихоби қонунро созишномаи махсус меноманд.

Аз ин лиҳоз, дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳум ва моҳияти созишномаи арбитражиро мавриди омӯзиш ва баҳс қарор дода, онро дар қонунгузории миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ таҳлил намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки унвонҷуй дар ҳалли масъалаҳои илмии вобаста ба инкишофи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нақши созишномаи арбитражӣ саҳми назарраси худро гузоштааст, Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла:

- бори нахуст дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мафҳум ва доираи созишномаи арбитражӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки мафҳуми созишномаи арбитражиро аз нигоҳи худ баён намояд;
- дар таҳқиқоти манзургардида унсурҳои ҳатмӣ ва иловагии созишномаи арбитражӣ мушаххасан пешниҳод карда шудааст;
- барои ҳамаҷониба таҳқиқ намудани созишномаи арбитражӣ шартҳои эътиборнокии созишномаи арбитражӣ ошкор карда шуда, андешаи муайян баён гардидааст;
- яке аз асосҳои муҳимтарини созишномаи арбитражӣ асосҳои моддӣ ва расмии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад, ки он

низ аз ҷониби муаллиф пурра ошкор карда шудааст;

- дар таҳқиқот муаллиф падидаи созишномаи арбитражиро дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳангоми баррасии баҳсҳо дар арбитраж мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст;

- дар диссертатсияи мазкур нақши созишномаи арбитражӣ дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳангоми эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ муайян карда шудааст;

- барои рушд ва такмили қонунгузории миллӣ дар қисмати созишномаи арбитражӣ пешниҳод, тавсияҳои назариявию амалӣ манзур карда шудаанд.

Муаллиф дар таҳқиқот мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи падидаи созишномаи арбитражӣ таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва тартиби бастан, тағйирдиҳӣ ва қатъи созишномаи арбитражӣ дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар фаъолияти арбитрҳо ва судҳо пешниҳод менамояд. Андешаи мазкур ба натиҷаҳои эътирофшудаи илмӣ, маводи таърих ва ҳуқуқ, маводҳои таҷрибаи арбитражӣ, қонунгузорӣ асос ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии созишномаи арбитражӣ, таҳлили хулосаҳои бадастомада, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман асосноккардашуда дар рисола пешниҳодгардида, навоварии илмии созишномаи арбитражӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми созишномаи арбитражӣ дар қонунгузорӣ дода шудааст. Дар диссертатсия муаллиф табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражиро мавриди омӯзиш қарор дода қайд намудааст, ки Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” ва конвенсияҳои байналмилалӣ созишномаи арбитражиро ҳамчун созишномаи тарафҳо дар бораи ба арбитраж додани ҳамаи баҳсҳо ва ё баҳсҳои мушаххас муайян мекунанд, ки дар робита бо дилхоҳ муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ байни тарафҳо ба вуҷуд омадаанд ва ё ба вуҷуд омада метавонанд, новобаста аз он, ки онҳо хусусияти шартномавӣ доштанд ва ё не (саҳ. 20).

Ҳамзамон муаллиф табиат ва мафҳуми созишномаи арбитражиро таҳқиқ намуда пешниҳод намудааст, ки дар он шартҳои ҳатмии он бояд дар мафҳуми он ба инобат гирифта шаванд: 1) интихоби усули арбитражӣ барои ҳалли баҳсҳо ва ё интихоби арбитраж ва ё дастури арбитраж; 2) ҷои арбитраж; 3) шумораи арбитрҳо; 4) ҳуқуқи моддии татбиқшаванда; 5) ҳолати қатъӣ будани ҳалномаи арбитражӣ (саҳ. 38).

Дар баробари баррасии табиат ва мафҳуми созишномаи арбитражӣ муаллиф унсурҳои асосӣ ва иловагии созишномаи арбитражиро таҳлил ва баррасӣ намуда, дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиш муайян намудааст, ки ба яке аз унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ ҳуқуқи интихоби арбитр дохил мешавад. Диссертант дар матни диссертатсия қайд намудааст, ки таҳлили таҷрибаи арбитражӣ дар давлатҳои хориҷа ва дар мамлакати мо нишон медиҳад, ки бинобар муроҷиатҳои гуногун шумораи арбитрҳо ва тартиби таъини онҳо аз ҷониби тарафҳо бояд масъалаи мазкурро дар созишномаи арбитражӣ зикр намояд, зеро сарфи назар аз вазъияти норозигии тарафҳои мухолиф (муқобил), ягона тараф аз ҳуқуқи интихоби арбитр маҳрум намекунад. Муаллиф зикр намудааст, ки созишномаи арбитражӣ дар баробари усурҳои ҳатмӣ (асосӣ) метавонад дорои унсурҳои иловагӣ бошад, ба монандӣ тахассус ва шаҳрвандии арбитрҳо, таъмини махфияти муҳокима, муҳлатҳои тезондашудаи ҳалли баҳсҳо ва ғайра гарчанде ба мавзуъ, моҳият ва мазмуни созишномаи арбитражӣ таъсир нарасонад ҳам, аммо дар баъзе ҳолатҳо унсурҳои зикргардида метавонанд нақши ҳалкунандаро бозанд. Ҳамзамон ӯ қайд менамояд, ки аз ҷумла, тахассуси арбитр, яъне, дониш ва малакаи касбии арбитр барои дуруст ҳал гардидани баҳс ва қабули ҳалномаи асосноку қонунӣ таъсири худро мерасонад ва дар созишномаи арбитражӣ ворид намудани чунин унсурҳо аз аҳаммият холӣ намебошанд (саҳ. 74).

Дар илми ҳуқуқшиносӣ боэътиборӣ ва беэътибории созишномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ яке аз асосҳои ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, ки муаллиф дар матни диссертатсия ба ҳолати мазкур дар созишномаи арбитражӣ низ ба он диққати маъхсус зоҳир намудааст. Дар таҳқиқоти гузаронидашуда диссератант эътибornокии созишномаи арбитражиро ба қисми моддӣ ва расмӣ ҷудо менамояд.  Мавсуф ба хулоса омадааст, ки қисми моддии эътибornокии созишномаи арбитражӣ тарафҳоро аз руи омилҳои зерин тақсим карда мешаванд: 1) мушкилоти марбут ба масъалаҳои ҳуқуқи шартномавӣ вуҷуд дорад. Дар баробари ин, ӯ зикр намудааст, ки худи созишномаи арбитражӣ низ шартнома буда, ба он принсипҳои умумии эътибornокии шартномаҳо низ паҳн мегардад. Муаллиф асосҳои номбаршударо дар созишномаи арбитражӣ муҳим эътироф намуда, дар сурати дар созишномаи арбитражӣ мавҷуд будани унсури хориҷӣ бояд ҳолатҳои зерин ба назар гирифта шаванд; 2) асосҳои қобилияти ҳуқуқдории тарафҳои созишномаи арбитражӣ, яъне «ҳуқуқи тобеиятии субъективӣ», маҷмуи категорияҳое, ки бо ифодаи ихтиёрии ирода, ба ибораи дигар, нуқси ирода (маҷбуркунӣ, гумроҳӣ, хатогӣ ва ғ.) алоқамананданд. 3) ин имкони баррасии баҳс ҳамчун субъекти ба истилоҳ «салоҳияти воқеии арбитражӣ» мебошад. Ба эътибornокии расмии созишномаи арбитражӣ муаллиф аҳамияти хоса зоҳир намуда, аз рӯи

шакли бастани шуданашон онҳоро ба шакли хаттӣ ё электронӣ тақсим намудааст (саҳ. 102).

Дар баробари муайян намудани эътиборнокии расмии созишномаи арбитражӣ муаллиф ба проблемаҳои он таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ба хулоса омадааст, ки дар байни талаботи расмии созишномаи арбитражӣ, ки дар муқарраароти конвенсияҳои байналмилалӣ, қонунҳои миллӣ дар бораи арбитраж ва Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” пешбинӣ шудаанд, талаботи универсалӣ «хаттӣ» мебошад. Диссертант доир ба дигар талаботҳои расмии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ эрод гирифта, зикр намудааст, ки оқилона будани дигар талаботҳои расмӣ, ба монанди талабот ба андозаи ҳуруф, ки дар он тавзеҳоти арбитражӣ бояд чоп карда шавад, аз талаботи гарони махсус ва беасос даст кашидан нисбат ба шакли созишномаи арбитражӣ хеле баҳсбарангез эътироф намудааст. Инчунин муҳаққиқ доир ба шакли хаттии созишномаи арбитражӣ талаботи зеринро пешниҳод намудааст: 1) кафолати шакли хаттии созишномаи арбитаржӣ он аст, ки тарафҳо аз таъсири беэътибории созишномаи арбитражӣ огоҳ мебошанд ва баррасии баҳсро дар суди давлатӣ истисно мекунанд; 2) шакли хаттии созишномаи арбитражӣ ин ҳимоя аз ворид шудан ба муносибатҳои бемулоҳиза аст, ки даст кашидан аз ҳуқуқи дастрасӣ ба судҳои муқаррариро дар назар дорад. Муҳаққиқ дар баробарии баррасии баҳс дар суди давлатӣ (суди иқтисодӣ) ва суди арбитражӣ, ки аз ҷониби қонунгузор ҳамчун шакли алтернативии ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ эътирофнамуда диққат додааст. Таҳқиқгар эътиборнокии расмии созишномаи арбитражиро ба вобастагии ногусастанӣ доштани он аз шакли бастан рабт дода, зикр намудааст, ки созишномаи арбитражӣ тибқи санадҳои байналмилалӣ ва қонунҳои миллӣ бояд дар шакли хаттӣ ё электронӣ таҳия ва имзо расонида шавад (саҳ. 137-138).

Ба андешаи муаллиф, тибқи созишномаи арбитражӣ ба тарафҳо додани имконияти худсарона тағйир додани асосҳо барои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ беасос шуморида, муқаррарнамоии асосҳои иловагӣ барои бекоркунӣ ҳолати пешгӯишавандагии мурофиаи арбитражиро як шакли халалдоркунӣ меҳисобад ва ҳолати мазкурро боз як тарзи таъхиргузории иҷрои ҳалномаи арбитражӣ баён намудааст, зеро ба ақидаи ӯ асосҳои мавриди баҳс қарордодашудаи тарафҳо хусусияти баҳодиҳӣ доранд ва дар суд бораи муайяннамоии боэътибории ҳалномаҳо баҳсҳои тӯлониро ба вуҷуд меоранд (саҳ. 162-163) .

Дар раванди баррасии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ва нақши созишномаи арбитражӣ дар он таҳқиқгар ба он ақида мебошад, ки муқаррарнамоии стандартҳои

«ҷаҳонӣ» оид ба рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ, амалан, ғайриимкон мебошад, зеро новобаста аз он ҳолат, ки ба Конвенсияи Ню-Йорк зиёда аз 140 давлат аъзо мебошанд, як қатор мамлакатҳои аъзои он буда Конвенсияи номбурдаро эътироф накардаанд. Бинобар ҳолати мазкур муаллиф ба он андеша мебошад, ки мутаносибан, асосҳо барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ бо қонунҳо ва амалияи миллӣ муқаррар карда шуда истодаанд. Мавсуф зикр менамояд, ки ҷонибҳои шартнома маданӣ-ҳуқуқӣ бояд ҳангоми таҳияи ва батавсибрасонии созишномаи арбитражӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд, зеро дар бештари ҳолатҳо қонунҳои моддӣ ва мурофиавие, ки тарафҳо интихоб менамоянд, бевосита ба бекор намудани ҳалнома дар сурати ба муқаррароти қонунгузории кишвари иҷрои ҳалномаи арбитражӣ мувофиқат накардан, таъсир мерасонад. Диссертант, эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражиро аз натиҷаи ниҳоии баррасии баҳсҳо дар судҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ бевосита аз шартҳои созишномаи арбитражии тарафҳо вобаста доштанашро эътироф менамояд (саҳ. 177-178).

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки муҳаққиқ мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташудаaро оид ба созишномаи арбитражӣ аз нуқтаи назари амалӣ ва назариявӣ дуруст таҳлил намуда, андешаҳои муҳими илмиеро пешниҳод намудааст, ки барои илми ҳуқуқшиносии мадании ватанӣ ва хориҷӣ аҳамияти бузурги назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодшуда нахустин таҳқиқоти маҷмӯавӣ оид ба созишномаи арбитражӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳо, андешаҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Абдуллозода З.Ф. дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода З.Ф. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба даст омада, барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти созишномаи арбитражӣ дар муносибатҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва илм дар ин самт истифода карда мешаванд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он зикргардида метавонанд барои ҳалли баҳсҳо дар як қатор ҳолатҳои баррасии парванда дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, ки ба

танзими муносибатҳои тарафҳои шартнома равона гардидааст, мусоидат намоянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аён мегардад, ки тағйиру иловаҳои ба муқаррароти қонунҳо пешниҳодгарида ва хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро метавон ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар вобаста ба созишномаи арбитражӣ истифода намуд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода З.Ф. манзургардида дар хусуси инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба созишномаи арбитражӣ метавонанд дар омода намудани васоити таълимӣ дар самти баррасии алтернативии баҳсҳо, инчунин ҷараёни таълими илмҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ва навиштани мақолаҳои илмӣ, рисолаҳои дипломию магистрӣ ва дигар корҳои таҳқиқотию илмӣ истифода гарданд.

Бо мақсади исботи навиштаҷотҳои болозикр метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб Абдуллозода З.Ф. арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад:

1. Дар навгонии 1 мавсуф асоснок намудааст, ки созишномаи арбитражӣ ягона асоси ҳуқуқии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ мебошад ва бе созишномаи арбитражӣ парвандаи арбитражӣ оғоз карда намешавад ва мурофиаи арбитражӣ низ бе назардошти он гузаронида намешавад. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ низ ба созишномаи арбитражӣ алоқамандӣ ва вобастагии зич дорад.

2. Дар навгонии 2 бошад, муаллиф исбот намудааст, ки муайян намудани унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ дорои аломатҳои зерин мебошанд: 1) унсурҳои ҳатмӣ: интихоби институти арбитражӣ ё муроҷиат ба дастури он; ҷойи арбитраж; шумораи арбитрҳо; ҳуқуқи татбиқшаванда; қатъӣ будани ҳалномаи арбитражӣ; 2) унсурҳои иловагӣ: тахассус ва шаҳрвандии арбитрҳо; таъмини махфияти муҳокима; 3) муҳлатҳои тезондашудаи ҳалли баҳсҳо ва ғайра.

3. Дар навгонии 3 муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки талаботи забони арбитраж яке аз масъалаҳои асосии созишнома ва мурофиаи арбитражӣ буда, дар ҳолатҳое, ки тарафҳо дар муқаррароти созишномаи арбитражӣ унсури забони арбитражиро пешбинӣ накарда бошанд, забони арбитраж аз ҷониби ҳайати арбитраж бо салоҳдиди худ ё тибқи муқаррароти дастури арбитраж муайян карда мешавад. Ба андешаи ӯ дар ин маврид, муқаррароти мазкур дар арбитраж ба манфиати тарафҳо намебошад ва метавонад мушкилоти номуайянеро ба вуҷуд орад (даъвати тарҷумон, афзоиши хароҷоти арбитражӣ ва ғ.).

4. Дар навгонии 4 диссертант қайд менамояд, ки ҷойи баргузории арбитраж ва ҷойи маҷлиси он гуногун мебошад. Ӯ ба он ақида розӣ аст, ки ҷойи арбитраж ҷойест, ки арбитраж ҷойгир аст ё суроғаи он тибқи дастури арбитраж муайян карда мешавад ва ҷойи баргузории маҷлисҳои арбитражӣ (муҳокима) ҷойест, ки арбитраж баҳсро баррасӣ мекунад ва ин ҷой бо созиши тарафҳо ё дар ҳолати набудани чунин созиш аз ҷониби арбитрҳо ё арбитраж муқаррар мешавад. Ӯ бо он нуктаи назар розӣ мебошад, ки пешниҳоди шикоят аз болои ҳалномаи арбитражӣ ва иҷрои он аз дуруст муайян кардани маҳалли арбитраж вобастагӣ дорад. Яъне ба андешаи ӯ макони маҷлиси арбитражӣ (муҳокима) аҳаммияти ҳуқуқӣ надошта, балки маҳалли ҷойгиршавии арбитраж аҳаммият дорад.

5. Яке аз навгониҳои пешниҳошудаи таҳқиқгар, ки бештар қобили бештари таваҷҷӯҳ мешбошад ин навгонии 6 мебошад. Ба андешаи муаллиф аз сабаби ба вуҷуд омадани вазъи эпидемиологӣ ва пандемиявӣ дар ҷаҳон, ҷаласаҳои арбитрҳо оид ба моҳияти баҳс метавонад ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумӣ тавассути истифодаи видеоконфронс анҷом дода шавад. Ба андешаи диссертант барои ба роҳ мондани чунин баррасии баҳси тарафҳо бояд шартҳои зерин ба назар гирифта шаванд: - розигии ҳайати арбитраж; - иштироки арбитрҳо дар муҳокима ва омода намудани ҳалномаҳо; - мавҷудияти воситаҳои техникии видеоконфронс; - розигии тарафҳо оид ба истифодаи воситаҳои техникии видеоконфронс дар арбитраж; - истифодаи тартиби "маҷозӣ" барои баргузории маҷлисҳо ва қабули ҳалномаҳо аз ҷониби тарафҳо ё арбитрҳо ба таври лозима дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ шуда бошад; - таъмини махфияти муҳокимаи арбитражӣ.

6. Дар навгонии 9 муаллиф созишномаи арбитражиро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намуда, қайд намудааст, ки қисми моддии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ тарафҳоро аз рӯи омилҳои зерин тақсим карда мешаванд: якум, мушкилоти марбут ба масъалаҳои ҳуқуқи шартномавӣ вуҷуд дорад ва худи созишномаи арбитражӣ низ шартнома буда, ба он принсипҳои умумии эътиборнокии шартномаҳо низ паҳн мегардад. Асосҳои баёнгардида дар созишномаи арбитражӣ муҳим мебошанд, ба шарте ки агар дар он унсури хориҷӣ мавҷуд бошад. Дуюм, асосҳои қобилияти ҳуқуқдории тарафҳои созишномаи арбитражӣ, яъне «ҳуқуқи тобеиятии субъективӣ», маҷмуи категорияҳое, ки бо ифодаи ихтиёрии ирода, ба ибораи дигар, нуқси ирода (маҷбуркунӣ, гумроҳӣ, хатогӣ ва ғ.) алоқамананданд. Сеюм, ин имкони баррасии баҳс ҳамчун субъекти ба истилоҳ «салоҳияти воқеии арбитражӣ» мебошад. Дар баробари ин муаллиф эътиборнокии расмии созишномаи арбитражӣ дар шакли бастани он ифода намуда онҳоро ба шакли хаттӣ ё электронӣ ҷудо менамояд.

7. Дар навгонии 10 муаллиф аз нуқтаи назари назариявӣ ба хулосае омадааст, ки дар асоси созишномаи арбитражӣ, қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ судҳои иқтисодӣ ду вазифаро иҷро мекунанд: назоратӣ ва ёрирасон. Вазифаи назоратии судҳои иқтисодӣ аз он иборат аст, ки онҳо иҷрои ҳалномаи арбитражиро таъмин намуда, ҳуқуқ доранд ба баррасии парвандаҳои арбитражӣ дахолат кунанд. Чунин вазифаҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалӣ ё миллӣ ва таҷрибаи арбитражӣ пешбинӣ мекунанд. Вазифаи ёрирасонии судҳои иқтисодӣ аз расонидани кумак ба арбитраж дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои арбитражӣ иборат аст.

8. Дар тавсияи амалии муаллиф пешниҳод менамояд, ки боби 3 ва моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015 "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ" дар таҳрири дар Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ пешбинишуда мутобиқ карда шавад, зеро он ба моҳият ва мазмуни созишномаи арбитражӣ наздиктар мебошад.

9. Ҳамзамон, муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар номи боби 28 ва матни моддаҳои боби мазкур ва моддаҳои $126^1$, 249 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, калимаҳои «арбитражи хориҷӣ» ба калимаҳои «арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» иваз карда шавад, зеро он бояд ба муқарроти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои соҳавӣ бояд мутобиқ бошад.

10. Инчунин, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф барои ворид намудани тағийрот ба моддаи $213^1$ КМИ ҶТ доир ба асосҳои рад кардани эътироф ё мавриди иҷро қарор додани ҳалномаи арбитражӣ пешниҳод намудааст, ки он ба талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мутобиқ мебошад.

11. Дар баробари ин, аз ҷониби муаллиф пешниҳод намудани масъалаи дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ", ки бо сархати шашуми банди 54 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ карда шудааст, асоснок мегардад, қобили қабул мебошад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, сазовор ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд,**

чунончӣ:

1. Аҳамияти илмии навгонии шашуми таҳқиқоти диссертатсионӣ норавшан аст. Муаллиф дар ин навгонӣ пешниҳод намудааст, ки «...аз сабаби ба вуҷуд омадани вазъи эпидемиологӣ дар ҷаҳон, аз қабили пандемияи COVID-19, ҷаласаҳои арбитрҳо оид ба моҳияти баҳс метавон ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумӣ тавассути истифодаи видеоконфронс анҷом дода шавад. Дар чунин ҳолатҳо, шартҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд: - розигии ҳайати арбитраж; - иштироки арбитрҳо дар муҳокима ва омода намудани ҳалномаҳо; - мавҷудияти воситаҳои техникии видеоконфронс; - розигии тарафҳо оид ба истифодаи воситахои техникии видеоконфронс дар арбитраж; - истифодаи тартиби “маҷозӣ” барои баргузории маҷлисҳо ва қабули ҳалномаҳо аз ҷониби тарафҳо ё арбитрҳо ба таври лозима ва ғ.ра.» (саҳ. 12-13).

Пешниҳоди мазкури муаллиф дар таҷрибаи баррасии арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мутобиқат наменамояд, зеро ҳангоми ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба арбитр якчанд мушкилиҳоро ба миён меорад, аз ҷумла дар маҳалли ҷойгиршавии арбитрҳо ва шоҳидон ҷой доштани воситаҳои техникӣ, воситаҳои техникии дорои сифати баланд, ҳангоми истифодаи видеоконфронс набудани кафолат оид ба ҷавобҳои шоҳид аз ҷониби шахси дар паси камера қарордошта.

2. Муаллиф дар зербоби 2.3. рисолаи худ қайд намудааст, ки «...бо бекор кардани талаботи баимзорасонӣ, моддаи 7 таҷдидшуда расмиётеро, ки сабаб ва заминаи аз ҷониби судҳо эътироф нашудани созишномаҳои арбитражӣ мегардиданд, бартараф кард. Шартномаи баимзонарасидаи дорои тавзеҳоти арбитражӣ ё созишномаи арбитражии имзошуда тибқи Конвенсияи Ню–Йорк боэътибор дониста мешавад, агар тахмин кард, ки давлате, ки ҳалнома бояд дар он эътироф ва иҷро карда шавад, ҳам моддаи 7 Қонуни такмилшудаи намунавӣ ва ҳам Тавсияҳо оид ба тафсири банди 1 моддаи VII Конвенсияи Ню–Йоркро қабул намудааст. Ҳамин тариқ, ЮНСИТРАЛ ба моддаи 7 Қонуни намунавӣ тағйирот ворид кард, ки онро ба амалияи муосири савдои байналмилалӣ мутобиқ созад. Аммо, мунтазири яксон қабул гардидани тағйиротҳои пешниҳодшуда будан низ дуруст нест, зеро вариантҳои алтернативии қабули тағйиротҳо мавҷуданд. Бо вуҷуди ин, ҳатто агар қабули мутаносиби тағйиротҳо «ба даст наоянд» онҳо барои тафсири «дуруст» ва «муфиди» мафҳуми «созишномаи арбитражии боэътибор» дар доираи аҳдҳои ҷории байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ҳамаи тағйироти дар муқаррарот оид ба шакли шартномаи арбитражӣ дар Қонун “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” қабулгардида на ба тасдиқи далели баста шудан ва ҷой доштани

созишномаи арбитражӣ, балки ба муайян намудани ҳолати шакли инъикос гардидани созишномаи арбитражӣ барои тасдиқи мундариҷаи он нигаронида шудаанд.» (саҳ. 134). Аз ин рӯ, муаллиф оид ба ин масъала мавқеи худашро мушаххас намояд.

3. Муаллифи рисолаи илмӣ дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот худ аввалан пешниҳод оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” манзур намуда, баъдтар ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боз ба дастури арбитражӣ меъёри шабеҳро пешниҳод намудааст, ки ҳолати мазкур нофаҳмоии мантиқиро ба миён меорад. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳолати мазкурро шарҳ диҳад.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад.** Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дарачаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии

кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 16 нафар: тарафдор - 16 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ тахти № 8 аз «2» марти соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобоев Ҷамрод Қурбонович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 16 нафар: тарафдор - 16 нафар, муқобил - бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра тахти № 8 аз «4» марти соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбаев Х.Х.

**Ташхисгар:**
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримов Ҳ.М.

Имзои Оралбаев Х.Х., Бобоев Ҷ.Қ.,
ва Каримов Ҳ.М. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ
04.03.2024

Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел: 231-08-43, 227-30-75 (факс), E-mail: tgfeu@tgfeu.tj